## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ.**

Ҳар як таҳқиқи нав оид ба Фалак як қадами нав дар илми мусиқишиносӣ маҳсуб меёбад, зеро ки Фалак ба илм танҳо дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистони азиз ворид гардид.

Масъалаи жанр дар Фалак – паҳлуи дигари Фалакро ба илму амалияи ин падидаи бузурги тоҷикони куҳистон намоён мегардонад. Ва хеле қобили таҳсин аст, ки онро омӯзгор, сароянда-фалакхон пешниҳод карда истодааст.

Кори диссертатсионӣ дар сохтору мазмун, бардоштани масъалаҳои илмии хеле судманд барои рушди минбаъдаи ҳам амалия ва ҳам назарияи Фалак ва дар натиҷа мақомоти тоҷик, дар сатҳи хуби касбӣ иҷро гардидааст.

Маҷмуи маводи нашрии диссертант аз он далолат медиҳад, ки ӯ мавзуи интихобиро тайи солҳои дароз ҳаматарафа кор кардааст, дар форумҳои илмӣ ба муҳокима гузоштааст, дар ҷамъоварӣ ва пайдо кардани унсурҳои нави Фалак фаъолона иштирок намудааст, малакаи зиёди таҳқиқӣ (банотагириву нотачинӣ ва ҳ.), сохтани дастгоҳи илмиро ёд гирифта, рисоларо таҳия намудааст.

Бо чунин дорой рисола дар сохтори мавзун, ҳадафи дақиқ, мазмунан пурра таҳия гардидааст.

Диссертатсия дар ҳаҷми бузурги 223 саҳифа таълиф гардида, аз муқаддима, се боб (7 фасл, 4 зерфасл), хулоса, рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи шакли муқаррарии мутобиқ ба талабот, ҳадафу вазифаҳо ва дигар, хеле равшан баён гардидаанд. Сарлавҳаҳои бобҳо (боби якум «Заминаи жанрии Фалак», боби дуюм «Ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои Фалак», боби сеюм «Татбиқи масъалаҳои назарияи жанрӣ дар амалияи муосири Фалак»), фаслҳо («Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ», «Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ», «Доираи жанрӣ дар

анъанаи фалаки помирӣ», «Фарогирии жанрӣ дар анъанаи фалаки кӯлобӣ», «Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ», «Меъёрҳои асосии жанрии Фалак» ва «Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ») ва зерфаслҳо («Фалакҳои яккисма», «Фалакҳои силсилавӣ» дар анъанаи фалаки помирӣ ва («Фалакҳои яккисма», «Фалакҳои силсилавӣ» дар анъанаи фалаки кулобӣ) раванди кушоиши мавзуро хеле саҳеҳ таҷассум намудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салимро дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» кори анҷомёфта ҳисобида, муаллифи онро сазовор ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. Санъати мусиқӣ мешуморам.

Муқарриз:
номзади илмҳои педагогӣ, Рофиева Ф.С.

Ноиби ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва ташкилии
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
“21” майи соли 2026.

Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Панҷакент
Тел.: (+992) 927071208
E-mail :

Имзои Рофиева Фотима Сироҷевнаро
тасдиқ мекунам:
мудири бахши кадрҳои Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент Қурбонов М.Л.

Суроға: 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Панҷакент
Телефон: (+992) 927071208 факс:
E-mail:

«21» майи соли 2026.